## БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНӢ БА МУНОСИБАТИ ҚАБУЛИ ТАШАББУСИ НАВИ ТОҶИКИСТОН

Нимаи дуюми рӯзи 26-уми соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон доир ба қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони **«Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027–2036»** баргузор гардид. Чорабиниро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, ҳозиринро ба муносибати қабули қатъномаи муҳимми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид самимона табрик гуфт. Зимни суханронӣ таъкид намуд, ки қабули қатъномаи **«Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027–2036»** идомаи мантиқии ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз эътирофи сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Зикр гардид, ки ташаббуси мазкур мақому нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун давлати сулҳпарвар, ташаббускор ва ҷонибдори ҳалли мусолиматомези масъалаҳои ҷаҳонӣ боз ҳам таҳким мебахшад. Қабули ин санади байналмилалӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳкими фарҳанги сулҳ, пешгирии низоъҳо, густариши муколама, таҳаммулгароӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории созандаи байни халқҳову наслҳо даъват менамояд. Директори Пажӯҳишгоҳ ҳамчунин иброз дошт, ки сулҳ танҳо набудани ҷанг нест, балки фарҳанги муносибат, масъулиятшиносӣ, эҳтиром ба шаъну шарафи инсон, таъмини адолат ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои тамоми инсоният мебошад. Аз ин рӯ, муассисаҳои илмию таълимӣ вазифадоранд, ки наврасону ҷавононро дар рӯҳияи сулҳдӯстӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулгароӣ ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намоянд. Дар ҷараёни чорабинӣ муҳтавои асосии қатънома, аз ҷумла таҳкими сулҳу субот, пешгирии низоъҳо, рушди муколама ва мусолиҳа, ҳамбастагии байни наслҳо ва ҷалби фаъоли кӯдакону ҷавонон ба равандҳои созандаи ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифт. Иштирокчиён зикр намуданд, ки эълон гардидани солҳои 2027–2036 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда аз давлатҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муассисаҳои илмию таълимӣ масъулияти бештар талаб менамояд. Татбиқи ҳадафҳои Даҳсола метавонад ба ташаккули ҷаҳонбинии сулҳпарварона, таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва таъмини зиндагии осудаи наслҳои имрӯзу оянда мусоидат намояд. Ҳамчунин, дар суханрониҳо таҷрибаи таърихии сулҳофарии миллати тоҷик, аҳамияти Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши ваҳдати миллӣ дар таҳкими давлатдории навин ва зарурати ҳифзи сулҳу субот дар шароити пуртазоду зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир махсус таъкид гардид. Дар анҷоми чорабинӣ иштирокчиён қабули қатъномаи мазкурро рӯйдоди муҳимми

таърихӣ ва дастоварди навбатии сиёсати байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд. Изҳори итминон карда шуд, ки ин ташаббус барои таҳкими дӯстиву ҳамкорӣ байни халқҳо, густариши фарҳанги сулҳ ва бунёди ҷаҳони амну осуда барои наслҳои имрӯзу фардо заминаи мусоид фароҳам меорад.







СУЛҲИ ИМРӮЗ – КАФОЛАТИ ЗИНДАГИИ
ШОИСТАИ НАСЛҲОИ ФАРДО.








СОЛХОИ 2027 - 2036
ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ
ОИД БА ТАҲКИМИ СУЛҲ
БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА




«ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ
ОИД БА ТАҲКИМИ СУЛҲ
БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА,
СОЛҲОИ 2027 – 2036»